# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобикшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03,03.01 – Физиология пешниҳод гардидааст.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон олимони соҳаи физиология, тиб ва дорусозӣ вазифадор карда шуд, ки гарчанде дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон микдори зиёди гиёҳҳои шифобахш месабзанд, кисми зиёди онҳо то ҳоло омӯхта нашудааст. Аксарияти маводҳои доругӣ бошад, сифати паст дошта аз дигар ҷумҳуриҳо ворид мегардад. Бинобар ин ба олимони соҳа зарур аст, ки ҳарчи тезтар хусусиятҳои фармакологии гиёҳҳои шифобахши ҷумҳуриро омӯхта истеҳсоли онҳоро ба роҳ монанд. Бо ин мақсад ироа гардид, ки то соли 2030 дар Ҷумҳури якчанд заводҳои дорусози сохта шаванд.

Дар ин замина рисолаи интихобкардаи унвонҷӯ Шерализода Орзуҷон Зафар яке аз мубрамтарин мавзуъ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои охир хусусан дар байни варзигарони касбӣ гуштини миллӣ ва гуштини ҷудо босуръат пешрави намудаанд. Варзишгарони ин соҳа дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳони иштирок намуда сазовори ҷойи намоён гардида тимми миллӣ дар даҳгонаи беҳтарин ҷой гирифтааст. Аз ин лиҳоз корҳои тадқиқотии дисертант ба маврид буда, дар тадқиқотҳои худ нишон додааст, ки ҳангоми истеъмоли шарбати ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L) тезтар қобилияти коршоямии системаи физиологии организми варзишгаронро ба амал оварда қобилияти коршоямии гуштингирон меафзояд.

Ин гиёҳҳои интихобкардаи унвонҷӯ безарар буда таъсири фармакологиашон оҳиста оҳиста ба амал омада варзишгаронро ба шароити тағирёбандаи муҳит ва варзишӣ мутобиқ гардрнида сарфи энергияро кам намуда, системаҳои физиологиро барои сарфакорона истифода намудани энергия кумак мерасонад.

Автореферат бо риояи анъана, иборат аз мукадима, чор боби мукамал, хулоса, тавсияҳо, интишорот, номгуи ихтисораҳо анҷом дода шудааст. Дар мукадима унвонҷӯ аз доираи анъана берун нарафта, дар бораи гузориши масъала, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, номбурди сарчашмаҳои илмӣ ва назарӣ аҳамияти илмӣ ва назариявии автореферат маълумоти мушахас овардааст.

Дар қисмати аввали кор муаллиф маълумот оиди хусусиятҳои ботаникӣ, таркиби химияаӣ, истифодаи гиёҳҳои интихобшуда дар тибби ниёгон, халқи ва муосир ҷамовари гардидааст. Дар боби дуюми рисора унвонҷӯ оиди обекти таҳқиқот ва усулҳои таҳқиқот ва таҷҳизотҳои

муосири дар вақти иҷориши кор истифодабурдашуда ба таври мушаххас дарҷ гардонида аст.

Боби сеюми рисола, ки натиҷаи асосии таҳқиқотро дар бар мегирад, муаллиф тавасути таҳлилҳои гуногуни нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявӣ таъсири мутобиқкунандагии шарбати омӯхташавандаро ба таври илмӣ омӯхта асоснок намудааст.

Ба таври хулоса қайд кардан мумкинаст, ки кори дисертант Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология актуали буда дорои маълумоти боэътимоди илмӣ мебошад ва ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст, муалифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои тиб, дотсенти кафедраи тибби оилавии ДДТТ ба номи Абуалии ибни Сино — Муродов Н.М.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон н.Сино куч. Б.Ғафуров 42/1 ҳуҷраи 49.
Тел: 937557241
@mail: murodov60@inbox.ru.

Имзои номзади илмҳои тиб, дотсенти кафедраи тибби оилавии ДДТТ ба номи Абуалии ибни Сино, Муродов Нурулло Мирзовалиевичро тасдиқ менамоям:

Сармутахасис оид ба кадрҳои Муассисаи давлатии маркаси саломатии шаҳри №10 — Бачабекова Г.И.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ШАҲРИ №10" РАЁСАТИ ТАНДУРУСТИИ ДУШАНБЕ
ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон н.Сино куч. А.Навои 4А
«10» 01 соли 2026